

Воизон бо зане Китоби Муқаддасро омӯхта истодаанд (Чили)

# Ҳаёт ва хизмати мо
## ДАФТАРИ ВОХӮРӢ

## Намунаи пешниҳодот

### ПЕШНИҲОДИ 1

**Савол:** Ҳама мехоҳад, ки сиҳату саломат бошад. Ба фикри шумо, чӣ кор кунем, ки худро аз касалиҳо нигоҳ дорем?

**Оят:** **Мс 22:3**

**Фикр:** Аз ҳама касалиҳо худро нигоҳ доштан номумкин аст, лекин қадамҳое ҳастанд, ки дар пешгирии бисёр касалиҳои сирояткунанда ёрдам мекунанд. Яке аз чунин қадамҳо ин пеш аз хӯрдани хӯрок бо собун шустани даст аст.



### ЧАРО КИТОБИ МУҚАДДАСРО БОЯД ОМӮХТ? (видеонавор)

**Савол:** Ба фикри шумо, дунё дар дасти Худо аст? [Ҷавобро гӯш кунед.] Ҷавоби Китоби Муқаддасро аз ин видеонавор фаҳмидан мумкин аст. [Видеонаворро монед.]

**Давоми гап:** Дар боби 11-и ин китоб фаҳмонда мешавад, ки Худо сабабгори ранҷу азоб нест ва ба қарибӣ чӣ кор карданӣ аст. [Китоби «Таълимот» ё «Китоби Муқаддас ба мо чиро таълим медиҳад?»-ро нишон диҳед.]



### ҲАҚИҚАТРО ТАЪЛИМ ДИҲЕД

**Савол:** Ба фикри шумо, ранҷу азоби мо аз тарафи Худо аст?

**Оят:** **Яқ 1:13**

**Ҳақиқат:** Дарду азоби мо аз тарафи Худо нест. Ранҷу азоб аз Шайтон ва аз одамони бад сар мезанад. Баъзан бошад, мо аз сабаби дар ҷой ё вақти номуносиб буданамон азоб мекашем.

### ПЕШНИҲОДИ ХУДРО ТАЙЁР КУНЕД

**Сарсухан:**

**Оят:**

**Фикр:**

- Суруди 16 ва дуо
- Пешгуфтор (3 дақ. ё камтар)

## ГАНҶҲОИ КАЛОМИ ХУДО

- **«Биёед, ба кӯҳи Худованд... бароем»** (10 дақ.) [Видеонавори «Шиносоӣ бо китоби Ишаъё»-ро монед.]

  Иш 2:2, 3 — «Кӯҳи хонаи Худованд» гуфта ибодати пок дар назар дошта шудааст (*ip-1*-U саҳ. 38–41, сарх. 6–11; саҳ. 44, 45, сарх. 20, 21)

  Иш 2:4 — Хизматгорони Худо ҷангро дигар ҳеҷ гоҳ таълим намегиранд (*ip-1*-U саҳ. 46, 47, сарх. 24, 25)

- **Ҷустуҷӯи ганҷҳои рӯҳонӣ** (8 дақ.)

  Иш 1:8, 9 — Ба кадом маъно «духтари Сион мисли чайлае дар токзор» мебошад? (*w06*-U 1.12 саҳ. 8, сарх. 5)

  Иш 1:18 — Маънои суханони «биёед исбот намоем» чист? (*w06*-U 1.12 саҳ. 9, сарх. 1; *it*-U «Примирение (Оштӣ)», сарх. 11)

  Ман дар бораи Яҳува чӣ фаҳмидам?

  Кадом фикрҳоро дар хизмат истифода бурда метавонам?

- **Хониши Китоби Муқаддас** (4 дақ. ё камтар): Иш 5:1–13

## ДАР КОРИ МАВЪИЗА БОҒАЙРАТ БОШЕД

- **Барои ин моҳ пешниҳод тайёр кунед** (15 дақ.): Муҳокима. Аз се воизи ботаҷриба хоҳиш кунед, ки дар асоси пешниҳодоти саҳифаи аввал ду ё се намоишро тайёр кунанд. Воизонро барангезед, то пешниҳоди худро тайёр кунанд.

## БА МАСЕҲ ПАЙРАВӢ КУНЕД

- Суруди 7
- **Ниёзҳои маҳаллӣ.** (7 дақ.) Аз «Солнома» дарсҳои манфиатнокро муҳокима кардан мумкин аст (*yb16*-U саҳ. 32, сарх. 3; саҳ. 34, сарх. 1).
- **«Маҳорати худро дар хизмат беҳтар мегардонем. Ба воситаи китоби “Худро дар муҳаббати Худо нигоҳ доред” одамонро ба ҳақиқат ҷалб кунед»** (8 дақ.) Муҳокима. Шахсонеро, ки омӯзиш оранд, барангезед, то дар ин моҳ маслиҳатҳои китоби «Мактаби таълими мавъиза»-ро, ки дар саҳифаҳои 261, 262 навишта шудаанд, истифода баранд.
- **Омӯзиши Китоби Муқаддас дар ҷамъомад** (30 дақ.): *fg* дарси 12
- Хулоса ва шарҳи кӯтоҳи барномаи оянда (3 дақ.)
- Суруди 51 ва дуо

---

МАҲОРАТИ ХУДРО ДАР ХИЗМАТ БЕҲТАР МЕГАРДОНЕМ

# Ба воситаи китоби «Худро дар муҳаббати Худо нигоҳ доред» одамонро ба ҳақиқат ҷалб кунед



Китоби «Муҳаббати Худо»-ро бояд бо омӯзанда то охир омӯзед. Ҳатто агар омӯзанда таъмид гирад ҳам, омӯзишро бояд давом дод. То тамом кардани китоб шумо метавонед вақт ва боздидро ҳисоб кунед.

**ЧАРО ИН МУҲИМ АСТ?** Барои Яҳуваро ба таври дуруст ибодат кардан, одамон бояд бо талаботи Ӯ шинос шаванд ва ба он мувофиқат кунанд (Иш 2:3, 4). Китоби «Муҳаббати Худо» баъди «Таълимот» китоби дуюм барои омӯзиш аст. Он ба омӯзандагон ёрдам мекунад, ки дар зиндагиашон истифода бурдани принсипҳои Китоби Муқаддасро ёд гиранд (Ибр 5:14). Вақти таълимдиҳӣ мо бояд кӯшиш кунем, ки мавзӯъ ба дили омӯзанда таъсир кунад ва дар дилаш хоҳиши амал кардан пайдо шавад (Рм 6:17).

**ИНРО ЧӢ ТАВР БОЯД КАРД?**

- Нағз тайёрӣ бинед ва дар вақти тайёрӣ ниёзҳои омӯзандаро дар хотир доред. Саволҳое диҳед, ки ба шумо барои фаҳмидани фикри омӯзанда ёрдам кунанд (Мс 20:5; *be*-U саҳ. 259).
- Аз чорчӯбаҳое, ки дар даруни боб оварда шудаанд, истифода баред ва ба омӯзанда ёрдам кунед, ки фоидаи ба кор бурдани принсипҳои Китоби Муқаддасро дарк кунад.
- Дар масъалаҳое, ки аз виҷдони кас вобастаанд, ба омӯзанда ёрдам кунед, то мулоҳиза кунад, лекин ба ҷойи вай қарор қабул накунед (Ғл 6:5).
- Бодобона фаҳмед, ки оё ба омӯзандаатон барои ба кор бурдани ягон принсипи Китоби Муқаддас кӯмак лозим аст ё не. Баъд ӯро меҳрубонона барангезед, ки аз муҳаббат ба Яҳува дар ҳаёти худ дигаргунӣ дарорад (Мс 27:11; Юҳ 14:31).

## ИШАЪЁ 1–5 | «Биёед ба кӯҳи Худованд... бароем»



2:2, 3

**«Дар айёми охир»**

- Дар замоне, ки мо ҳозир зиндагӣ мекунем

**«Кӯҳи хонаи Худованд»**

- Ибодати поки Яҳува, ки аз дигар тарзҳои ибодат баландтар аст

**«Ҳамаи халқҳо сӯи он равона хоҳанд шуд»**

- Касоне, ки ибодати покро қабул мекунанд, дар ягонагӣ ҷамъ мешаванд

**«Биёед, ба кӯҳи Худованд... бароем»**

- Парастандагони ҳақиқии Худо дигаронро даъват мекунанд, то ба онҳо ҳамроҳ шаванд

**«Ӯ тариқҳои Худро ба мо таълим диҳад, ва мо ба роҳҳои Ӯ равона шавем»**

- Яҳува ба воситаи Каломаш ба мо роҳи ростро нишон медиҳад ва ёрӣ мерасонад, ки бо он равем

2:4



**«Ҷангро дигар таълим нахоҳанд гирифт»**

- Ишаъё гуфт, ки халқи Худо яроқу аслиҳаи ҷангиро ба асбобҳои деҳқонӣ табдил медиҳанд ва аз пайи сулҳ мешаванд. Дар замонҳои Ишаъё ин асбобҳо чӣ буданд?

**«Шамшерҳои худро ба амочҳо»**

1 Амоч асбобест, ки қисми поза буда бо он заминро шудгор мекарданд. Баъзе амочҳо аз мис ё биринҷ сохта мешуданд (1Пш 13:20).

**«Найзаҳои худро ба досколаҳо»**

2 Досколаҳо шояд мисли корди каҷ, мисли дос буданд ва барои буридани навдаҳои ангур истифода мешуданд (Иш 18:5).




©2016 Christian Congregation of Jehovah's Witnesses. Printed in Germany. Чопи Олмон. Тамоми ҳуқуқҳо нигоҳ дошта мешаванд.
©Druck und Verlag: Wachtturm Bibel- und Traktat-Gesellschaft, Selters/Ts., V. i. S. d. P. Manfred Steffensdorfer, Selters/Ts.

- Суруди 43 ва дуо
- Пешгуфтор (3 дақ. ё камтар)

## ГАНҶҲОИ КАЛОМИ ХУДО

- **«Масеҳ пешгӯиро иҷро кард»** (10 дақ.)

  Иш 9:1, 2 — Дар Ҷалил мавъиза кардани Масеҳ пешгӯӣ шуда буд (*w11* 15.8 саҳ. 12, сарх. 13; *ip-1*-U 124–128, сарх. 13–17)

  Иш 9:6 — Ӯ дар оянда соҳиби вазифаҳои бисёр мешавад (*w14* 15.2 саҳ. 12, сарх. 18; *w07*-U 15.5 саҳ. 6)

  Иш 9:7 — Ҳукмронии ӯ бар замин сулҳу адолат меорад (*ip-1*-U саҳ. 132, сарх. 28, 29)

- **Ҷустуҷӯи ганҷҳои рӯҳонӣ** (8 дақ.)

  Иш 7:3, 4 — Барои чӣ Яҳува ба шоҳи бад, Оҳоз, дасти ёрӣ дароз кард? (*w06*-U 1.12 саҳ. 9, сарх. 4)

  Иш 8:1–4 — Чӣ тавр ин пешгӯӣ иҷро шуд? (*it*-U Исаия, Семья Исаии («Ишаъё», «Оилаи Ишаъё»); *ip-1*-U саҳ. 111, 112, сарх. 23, 24)

  Ман дар бораи Яҳува чӣ фаҳмидам?

  Кадом фикрҳоро дар хизмат истифода бурда метавонам?

- **Хониши Китоби Муқаддас** (4 дақ. ё камтар): Иш 7:1–17

## ДАР КОРИ МАВЪИЗА БОҒАЙРАТ БОШЕД

- **Сӯҳбати аввал** (2 дақ. ё камтар): Пешниҳоди 1. Барои боздид асос гузоред.
- **Боздид** (4 дақ. ё камтар): Бо касе, ки дар асоси Пешниҳоди 1 гап задед, сӯҳбатро давом диҳед. Барои боздиди навбатӣ асос гузоред.
- **Омӯзиши Китоби Муқаддас** (6 дақ. ё камтар): *lv* саҳ. 34, сарх. 18. Нишон диҳед, ки чӣ тавр ба дили омӯзанда роҳ ёфтан мумкин аст.

## БА МАСЕҲ ПАЙРАВӢ КУНЕД

- Суруди 10
- **«Инак ман ҳозирам, маро бифирист»! (Иш 6:8).** (15 дақ.) Муҳокима. Аз сайтамон видеонавори «Ба чое, ки ба воизон ниёзи калон аст, мекӯчем»-ро монед.
- **Омӯзиши Китоби Муқаддас дар ҷамъомад** (30 дақ.): *fg* дарси 13, сарх. 1–4
- Хулоса ва шарҳи кӯтоҳи барномаи оянда (3 дақ.)
- Суруди 27 ва дуо

## ИШАЪЁ 6–10 | Масеҳ пешгӯиро иҷро кард

Пайғамбар Ишаъё садсолаҳо пеш аз таваллуди Исо пешгӯӣ кард, ки Масеҳ дар «он тарафи Ӯрдун, Ҷалили халқҳо» мавъиза мекунад. Исо дар саросари Ҷалил хушхабарро мавъиза карда ин пешгӯиро иҷро кард (Иш 9:1, 2).



Аввалин бор мӯъҷиза нишон медиҳад (Қоно) (Юҳ 2:1–11).



Ҳаввориёнашро интихоб кард (назди Кафарнаҳум) (Мқ 3:13, 14).



Мавъизаи болои кӯҳро гуфт (назди Кафарнаҳум) (Мт 5:1–7:27).



Писари ягонаи бевазанро зинда кард (Ноин) (Лқ 7:11–17).



Баъд аз зинда шуданаш бо зиёда аз 500 шогирдаш вохӯрд (Ҷалил) (1Қр 15:6).



# «Инак ман ҳозирам, маро бифирист»!

Ҳамаи мо бояд аз Ишаъё ибрат гирем. Ҳарчанд ӯ пурра намедонист, ки вазифааш аз чӣ иборат мешавад, имонашро нишон дод ва барои иҷрои хости Худо тайёр буд (Иш 6:8). Оё шумо метавонед корҳои худро тавре ҷо ба ҷо кунед, то дар ҷое, ки дар он воизон хеле даркоранд, хизмат кунед? (Зб 109:3). Албатта, пеш аз кӯчидан шумо бояд «аввал нишаста харҷи онро ҳисоб» кунед (Лк 14:27, 28). Лекин кӯшиш кунед, ки бо тайёрӣ ва омодагӣ ба Худо қурбонӣ оваред (Мт 8:20; Мқ 10:28–30). Чи хеле ки дар видеонавори «Ба ҷое, ки ба воизон ниёзи калон аст, мекӯчем», гуфта шуда буд, баракатҳое, ки мо аз хизмат ба Яҳува мегирем, ба ҳама кӯшишу қурбониҳо меарзанд.

**БАЪД АЗ ТАМОШО КАРДАНИ ВИДЕО, БА ИН САВОЛҲО ҶАВОБ ДИҲЕД:**

- Барои ба Эквадор кӯчидан оилаи Уилямсҳо аз баҳри чӣ гузаштанд?

- Пеш аз кӯчидан онҳо чиро ба назар гирифтанд?

- Онҳо соҳиби кадом баракатҳо шуданд?

- Дар бораи ҷойҳое, ки ниёз ба воизон бештар аст, аз куҷо маълумот гирифтан мумкин аст?







**ДАР ВАҚТИ ИБОДАТИ ОИЛАВИИ НАВБАТӢ ИН САВОЛҲОРО ДИДА БАРОЕД:**

- Чӣ тавр мо якҷоя бо оилаамон доираи хизматамонро васеъ карда метавонем? (*km* 8.11 4–6)

- Агар мо дар он ҷое, ки воизон хеле даркоранд, хизмат карда натавонем, чӣ тавр ба ҷамъомади худ ёрдам карда метавонем? (*w16.03* 23–25)

- Суруди 47 ва дуо
- Пешгуфтор (3 дақ. ё камтар)

## ГАНҶҲОИ КАЛОМИ ХУДО

- **«Замин аз шинохтани Яҳува пур мешавад»** (10 дақ.)

  Иш 11:3–5 — Адолат то абад мемонад (*ip-1*-U саҳ. 160, 161, сарх. 9–11)

  Иш 11:6–8 — Байни одамон ва ҳайвонот сулҳу оромӣ мешавад (*w12* 15.9 саҳ. 9, 10, сарх. 8, 9)

  Иш 11:9 — Тамоми одамон бо талаботи Яҳува шинос мешаванд (*w16*.06 саҳ. 8, сарх. 9; *w13*-U 1.6 саҳ. 7)

- **Ҷустуҷӯи ганҷҳои рӯҳонӣ** (8 дақ.)

  Иш 11:1, 10 — Ба кадом маъно Исои Масеҳ «навдае аз тани Йисой» ва ҳамчунин ниҳоле, ки «аз решаҳояш сабзида»-аст, мебошад? (*w06*-U 1.12 саҳ. 9, сарх. 6)

  Иш 13:17 — Ба кадом маъно модҳо «нуқраро писанд» намекарданд ва «ба тилло рағбат» надоштанд? (*w06*-U 1.12 саҳ. 10, сарх. 10)

  Ман дар бораи Яҳува чӣ фаҳмидам?

  Кадом фикрҳоро дар хизмат истифода бурда метавонам?

- **Хониши Китоби Муқаддас** (4 дақ. ё камтар): Иш 13:17–14:8

## ДАР КОРИ МАВЪИЗА БОҒАЙРАТ БОШЕД

- **Сӯҳбати аввал** (2 дақ. ё камтар): Яқ 1:13. Ҳақиқатро таълим диҳед.
- **Боздид** (4 дақ. ё камтар): Вз 8:9; 1Юҳ 5:19. Ҳақиқатро таълим диҳед.
- **Омӯзиши Китоби Муқаддас** (6 дақ. ё камтар): *lv* саҳ. 54, сарх. 9. Нишон диҳед, ки чӣ тавр ба дили омӯзанда роҳ ёфтан мумкин аст.

## БА МАСЕҲ ПАЙРАВӢ КУНЕД

- Суруди 24
- **«Дониш дар бораи Худо бар зидди нажодпарастӣ»** (15 дақ.) Муҳокима. Аз сайтамон видеонавори «Ҷони ва Гидеон: аввал душман буданд, ҳоло бародаронанд»-ро монед.
- **Омӯзиши Китоби Муқаддас дар ҷамъомад** (30 дақ.): *fg* дарси 13, сарх. 5–8
- Хулоса ва шарҳи кӯтоҳи барномаи оянда (3 дақ.)
- Суруди 16 ва дуо

# Дониш дар бораи Худо бар зидди нажодпарастӣ

Яҳува рӯйбин нест (Ам 10:34, 35). Дар назари Ӯ «ҳамаи қабилаҳо ва сибтҳо, ва қавмҳо ва забонҳо» баробаранд (Вҳ 7:9). Масеҳиёни ҳақиқӣ набояд миллатпараст, маҳалчӣ ё шиносбоз бошанд (Яқ 2:1–4). Яҳува ба воситаи ташкилоташ моро таълим медиҳад. Ин ба мо ёрдам кард, ки хислатҳоямонро дигар кунем ва дар биҳишти рӯҳонӣ зиндагӣ кунем (Иш 11:6–9). Вақте мо кӯшиш мекунем, ки ҳар як нишонаи рӯйбиниро аз дилам решакан кунем, нишон медиҳем, ки ба Худо писанд омадан мехоҳем (Эф 5:1, 2).



**ВИДЕОНАВОРИ «ҶОНИ ВА ГИДЕОН: АВВАЛ ДУШМАН БУДАНД, ҲОЛО БАРОДАРОНАНД»-РО ТАМОШО КУНЕД ВА БА ИН САВОЛҲО ҶАВОБ ДИҲЕД:**

- Ҳарчанд одамон ноинсофию миллатчигиро бартараф карда наметавонанд, чаро боварӣ доштан мумкин аст, ки таълими Яҳува аз ин ҷиҳат болотар аст?
- Аз бародарии умумиҷаҳонӣ чӣ ба шумо маъқул аст?
- Вақте мо ягонагиро байни хоҳару бародарон нигоҳ медорем, чӣ тавр Яҳуваро ҷалол медиҳем?

# ИШАЪЁ 11–16 | Замин аз шинохтани Яҳува пур мешавад



11:6–9

**Чӣ тавр ин пешгӯӣ ба исроилиён дахл дошт?**

- Вақти баргаштан аз Бобил, ҳангоми зиндагӣ дар замини ваъдашуда, ба исроилиён аз тарафи ҳайвоноти ваҳшӣ хатар таҳдид намекард (Эз 8:21, 22).

**Чӣ хел ин пешгӯӣ ба рӯзҳои мо дахл дорад?**

- Дониш дар бораи Яҳува шахсияти моро дигар кардааст. Касоне, ки пештар бадқаҳр буданд, орому сулҳҷӯ шуданд. Дониш дар бораи Худо биҳишти рӯҳониро ба вуҷуд овард.

**Чӣ тавр ин пешгӯӣ дар оянда иҷро мешавад?**

- Тамоми замин биҳишт мешавад. Ҳамаи мо, чи хеле ки Худо аз аввал мехост, дар сулҳу оромӣ зиндагӣ мекунем. Ягон одам, ҳайвон ва ё дигар офарида зарар намерасонад.



**Дониш дар бораи Худо Павлусро дигар кард**

- Вақте фарисӣ буд, ӯ баъзан ваҳшиёна рафтор мекард (1Тм 1:13).
- Дар бораи Худо дониши аниқ гирифта, ӯ тамоман дигар шуд (Қл 3:8–10).

- Суруди 42 ва дуо
- Пешгуфтор (3 дақ. ё камтар)

## ГАНҶҲОИ КАЛОМИ ХУДО

- **«Суиистифода аз ҳокимият ба аз даст додани он меорад»** (10 дақ.)

  Иш 22:15, 16 — Шебно аз мартабаи худ суиистифода кард (*ip-1*-U саҳ. 238, сарх. 16, 17)

  Иш 22:17–22 — Яҳува ҷои Шебноро ба Элёқим дод (*ip-1*-U саҳ. 238, 239, сарх. 17, 18)

  Иш 22:23–25 — Мо аз ҳаёти Шебно дарси муҳиме мегирем (*w07*-U 15.1 саҳ. 8, сарх. 6; *ip-1*-U саҳ. 240, 241, сарх. 19, 20)

- **Ҷустуҷӯи ганҷҳои рӯҳонӣ** (8 дақ.)

  Иш 21:1 — Кадом ҷой «биёбони назди баҳр» буд ва чаро? (*w06*-U 1.12 саҳ. 11, сарх. 2)

  Иш 23:17, 18 — Чӣ тавр молҳои Сӯр ба «Худованд бахшида хоҳад шуд»? (*ip-1*-U саҳ. 253, 254, сарх. 22–24)

  Ман дар бораи Яҳува чӣ фаҳмидам?

  Кадом фикрҳоро дар хизмат истифода бурда метавонам?

- **Хониши Китоби Муқаддас** (4 дақ. ё камтар): Иш 17:1–14

## ДАР КОРИ МАВЪИЗА БОҒАЙРАТ БОШЕД

- **Сӯҳбати аввал** (2 дақ. ё камтар): *bh.* Барои аз рӯи ин китоб сар кардани омӯзиш видеонавори «Чаро Китоби Муқаддасро бояд омӯхт?»-ро монед. Китобро аз таҷҳизоти электрониатон нишон диҳед ва барои боздид асос гузоред. (Видеонаворро дар вақти баромадатон пурра намонед.)
- **Боздид** (4 дақ. ё камтар): *bh.* Дар назди дар омӯзиши Китоби Муқаддасро сар кунед ва барои боздиди навбатӣ асос гузоред.
- **Омӯзиши Китоби Муқаддас** (6 дақ. ё камтар): *lv* саҳ. 151, сарх. 10, 11. Нишон диҳед, ки чӣ тавр ба дили омӯзанда роҳ ёфтан мумкин аст.

## БА МАСЕҲ ПАЙРАВӢ КУНЕД

- Суруди 44
- **Оё шумо хушёру бедор ҳастед?** (8 дақ.) Нутқи пири ҷамъомад, ки ба маҷаллаи «Бурҷи дидбонӣ» аз 15 марти соли 2015 асос ёфтааст. Ҳамаро барангезед, ки мисли посбоне, ки Ишаъё дар рӯъё дид ва панҷ бокирае, ки Исо тасвир карда буд, хушёр ва бедор бошанд (Иш 21:8; Мт 25:1–13).
- **Пешравиҳо дар ташкилот** (7 дақ.): Видеонавори «Пешравиҳо дар ташкилот» барои моҳи декабрро монед.
- **Омӯзиши Китоби Муқаддас дар ҷамъомад** (30 дақ.): *fg* дарси 14, сарх. 1–7
- Хулоса ва шарҳи кӯтоҳи барномаи оянда (3 дақ.)
- Суруди 53 ва дуо

## ИШАЪЁ 17–23 | Суиистифода аз ҳокимият ба аз даст додани он меорад

Шебно, ки «нозири боргоҳ» номида шудааст, аз афташ, нозири хонаи подшоҳ Ҳизқиё буд. Ӯ баъд аз подшоҳ шахси дуюм буд ва вазифаи бисёрро ба ӯҳда дошт



**22:15, 16**

- Шебно вазифа дошт, ки ба халқи Яҳува ғамхорӣ кунад
- Ӯ барои худ шӯҳрат меҷуст

**22:20–22**

- Яҳува ба ҷои Шебно Элёқимро таъин кард
- Ба Элёқим «калиди хонадони Довуд» дода шуд, ки рамзи ҳокимият ва қудрат буд

**Дар ин бора фикр кунед:**
Чӣ хел Шебно метавонист аз ҳокимияташ истифода бурда ба дигарон ёрдам кунад?



Vol. 1, No. 12

mwb16.12-TJ
160914